Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Ташаккули сирату шуури миллӣ дар замони ҷаҳонишавии сареъ барои ҳар як халқу миллат шарти зарурии мутобиқат ва мувофиқат ба падидаҳои навини раванди воқеӣ ба шумор меравад. Тибқи анъана ҳадафҳои таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ дастрас намудани дониш ва маҳорату малакаест, ки хатмкунанда бояд аз худ намояд. Вале имрӯз чунин муносибат, яъне фақат аз худ кардани донишу малакаву маҳорат кофӣ нест.

Назар ба андешаи олимону педагогони муосир, фаро гирифтани ҳикмати ниёгон ва хубиҳои анъанаву сиррати миллӣ ба одамон имкон медиҳад, ки мақоми худро дар ҷомеа пайдо намуда, устувор созанд, ҳам зудамал бошанд ва ҳам ба талаботи замон ҷавоб гуфта тавонанд.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ аз мавзуъҳои муҳиммест, ки дар таълими анъана ва арзишҳои миллии мардумӣ, осори классикон, бахусус, осори адибони барҷастаи асрҳои пешин бояд аз назари эътибор дур карда нашавад.

Бо назардошти ин майлҳо мушкилоти роҳи ташаккули сирати миллӣ, яъне ҳувийяти миллиро бояд ба таври дақиқ ташхис намуда, дар пайиислоҳи иллату душвориҳои ҷойдошта саъю ҷадал намуд.

Ватанпарсатӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ аз унсурҳои муҳимми тарбия маҳсуб меёбанд, ки дар мафҳумҳои зодгоҳ, диёр, кишвар, сарзамин, Ватан ва амсоли инҳо ифода мегарданд. Унсурҳои дигари тарбия ба ҳамин се унсури тарбия иртибот дошта, садоқатмандии шаҳрвандро ба марзу буми хеш ифода менамоянд.

Замони истиқлолият давраи сифатан нави фаъолияти ҷавонон ва наврасонро дар самти таҳким бахшидани пояҳои маърифативу ҳуқуқӣ ва сиёсӣ тақозо менамояд. Аз ин рӯ, тарбия намудани шахсиятҳои донишманду ватандӯст вазифаи аввалиндараҷаи маориф ва созмонҳои идеологӣ ба шумор меравад. Бахусус, тарбия намудани ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ, миллатпарастӣ, худогоҳӣ ва хештаншиносӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои волои таърихиву фарҳангии миллат яке аз самтҳои асосии сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагон бояд яклухт ва мукаммал бошад. Усули яклухт хусусияти муҳимтарини тарбияро инъикос намуда, ҳадафи он ба ташаккули яклухт ва ҳамаҷониба инкишоф додани шахсият равона шудааст. Муҳаққиқ иброз менамояд, ки усули яклухт хусусияти қонуниро дошта, яке аз принсипҳои тарбияи хонандагон мебошад ва он ба таври воқеӣ мувофиқати пурраи паҳлуҳои шахсияти инкишофёфтаро талаб мекунад.

Аз ин рӯ, тарбияи узви комили ҷомеа, инсони маънавӣ яке аз муҳимтарин вазифаҳои низоми ҳозираи таҳсилот ба шумор меравад. Имрӯз дар ҷомеаи демократии мо ба масъулияти шахсии инсон дар назди худ ва ҷомеа, дараҷаи вазифа ва виҷдони маънавии ӯ, ташаккулу камолоти ахлоқии шахсият аз буда бештар таваҷҷуҳ зоҳир мегардад. Ҳамзамон, таҳияи талаботи муайяни ахлоқӣ, танзими муносибати ҳаёти одамон, дар шуури ҳар як шахсият ворид сохтани ин талабот ва тасаввуроти ба он алоқаманд тақозо карда мешавад. Ин масъала, чуноне, ки болотар зикр намудем, аз ҷониби ҷомеа дар раванди тарбияи маънавӣ аз хурдсолӣ сар карда, ҳаллу фасл мешавад.

Унвонҷӯ бар ин ақида аст, ки дар кори тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ зимни машғулиятҳо бештар аз маводи мустаҳкамкунанда, амсоли видеофилмҳои ба мавзуъҳои санъату фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ, мусиқӣ, меъморӣ, зебопарастӣ

бахшидашуда, дар муассисаҳои таҳсилотӣ бештар аз ташкили лексияҳо, суҳбат, ҳикоя, маҳфилҳои адабию мавзуӣ оид ба тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ, манфиатҳои миллии давлат, мубоҳисахо, викторинаҳо, намоиши ҳунарҳои мардумӣ, мизҳои мудаввар, конференсияву семинарҳо ва ғайра истифода бурдан хеле муҳим ва бамаврид аст.

Барои он ки дар замири ҷавонон ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихор аз давлатдории миллии хеш ҷой бигирад, онҳо бояд аз таърих, анъана ва арзишҳои миллӣ ва фарҳанги кӯҳанбунёди худ огоҳ бошанд.

Ин мавзуъ дар таснифи унвонҷӯ бо дарки амиқи масъулияти пажӯҳишгарӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст ва ба гунаи махсус таъкид гардидааст, ки ҷавонон бояд сарнавишти ибратомӯзи гузаштагони худ, фидокорию ҷонбозиҳои қаҳрамонони халқи тоҷик ва таърихи кӯҳану нави миллати худро хуб донанд. Дар акси ҳол ҳеҷ касе аз ноогоҳиву бехабарӣ ватандӯст ва миллатдӯсти ҳақиқӣ шуда наметавонад. Ин ҳама танҳо дар натиҷаи дарки моҳияти мафҳумҳое чун Тоҷикистон, Модар-Ватан, Ваҳдат, истиқлолият, давлат, сулҳ, ягонагӣ, ҳамбастагӣ, якпорчагӣ, шукргузорӣ ва амсоли инҳо муяссар мегарданд.

Унвонҷӯ таъкид менамояд, ки бо назардошти ҳадафҳои асосии тарбияи ватандӯстӣ зарур мешуморем, то ҷиҳати самаранок ба роҳ мондани тарбияи эҳсоси ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тадбирҳои зерин роҳандозӣ карда шаванд:

- ба роҳ мондани омӯзиши ашъори панду ахлоқии адибони классик ва муосири тоҷик ва инчунин асарҳои насрии фарогирандаи мавзуъҳои ватанпарастӣ, миллатдӯстӣ ва рафоқатпазириву сулҳпарварӣ;
- ба роҳ мондани таълиму омӯзиши таъриху фарҳанги қадима ва имрӯзаи миллати тоҷик ва миллату давлатҳои дигар;
- ташкили намоиши китобҳои ҷанбаи тарбияи ватанпарастидошта;
- ташкил намудани мизҳои мудаввар, муколаммаву мубоҳисаҳо дар мавзъҳои ватанхоҳиву миллатпарастӣ;

- ташкил намудани саёҳат ба осорхонаҳо, театру нигористонҳо, дидани мавзеҳои таърихиву фарҳангии кишвар;

- иштирок дар таҷлили ҷашну маросимҳои миллию мадумӣ;

- бо иштироки ҷавонон барпо намудани викторинаҳо, мизҳои мудаввар роҷеъ ба мавзуи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ва дар ин замина инкишоф додани малакаҳои муоширатии ҷавнону наврасон;

- тақвият додани ҳамкориҳо бо падару модарон, кӯдакистонҳо ва муассисаҳои таълимӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, фарҳангӣ, варзишӣ;

«Наврасону ҷавонон созандагони Ватан, бунёдкори сулҳу ваҳдат, такягоҳи боэътимоди давлати соҳибистиқлол мебошанд» - қайд менамояд ӯ.

Яке аз роҳҳои асосии шаклгирии сирати миллӣ ҳидояту ҷалб намудани насли оянда ба омӯзиши амиқи арзиш ва анъанаҳои миллӣ мебошад, ки саршор аз таровишу маниши миллӣ ҳастанд ва ғурури милливу сирати миллиро ба гунаи илҳомбахш ва ҳувийятафзо ба намоиш мегузоранд.

Хулоса, нақши анъанаҳои миллии тоҷикӣ дар тарбияи ватанпарастӣ, сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирии кӯдакон дар ҳақиқат хеле муҳим мебошад. Пешравӣ дар муҳити осоишта, ки дар натиҷаи рушди ин арзишҳо ба вуҷуд меояд, барои ҳар як ҷомеа як саъйи муҳим дар роҳи рушди умумӣ мебошад. Автореферат аз ин нигоҳ, як таҳқиқи амиқ ва зарурӣ аст, ки дар он унвонҷӯй натиҷаҳоро ба таври фарогир мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар қисмати хулосаи пажӯҳиш натиҷаҳои озмоиш бо риояи талаботи зарурӣ оварда шудаанд. Метавон гуфт, ки пажӯҳиши мавзуи номбурда тибқи талаботи ҷорӣ дар омӯзиши фанни адабиёти тоҷик хуб анҷом дода шудааст.

Ҳамзамон, матни автореферат аз камбудиҳои мантиқӣ, имлоӣ ва техникӣ холӣ нест, ки албатта қиммати таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд, вале ислоҳашон амри зарурист.

Пас аз шиносоӣ бо феҳристи интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи мазкур метавон ба хулосае расид, ки муаллифи диссертатсия дар пайи ковиш ва таҳлилу баррасии мушкилоти масъалаи таҳқиқшаванда ва роҳу равишҳои ислоҳу бартараф намудани онҳо заҳмати зиёд кашида, пажӯҳиши мавзуъро

дар ҳадди чашмдор ва бо риояти талаботи мухталифи илмию амалӣ анҷом додааст. Аз назари банда мавзуи рисола, муҳтаво ва мундариҷаи он дар фишурдаи он, яъне автореферат ба таври возеҳ ва пурра бозтоб шудааст. Таҳқиқи густурдаи мавзуи баргузидаи унвонҷӯро метавон анҷомшуда ҳисоб намуд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ буда, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 ба тасвиб расидааст, мувофиқат мекунад.

Муқарриз:
Доктори илмҳои педагогӣ,
муовини вазири маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулхоliқзода Л.А.

Имзои Абдулхолиқзода Лутфия Абдулхолиқро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон Саъдуллозода Ш.С.

20.08.2025